**Протоколи**

**маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-100 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон**

ш. Душанбе № 7 аз 25 июли 2026 с.

Ҳайати шурои диссертатсионӣ бо шумораи 16 нафар бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25-уми сентябри соли 2025 таҳти №353/шд тасдиқ шудааст.

Дар асоси варақаи ҳузури аъзои шуро 12 нафар (2 нафар онлайнӣ) иштирок доштанд, ки аз инҳо 3 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсия мебошанд.

**ШУНИДА ШУД:** Ҳимояи ошкорои диссертатсияи Юсупов Умедҷон Сангиҳмадович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 5.2.18 – Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит.

Мавзуи диссертатсия: «Рушди таъминоти ташкилӣ-методии аудити дохилӣ дар ширкатҳои сайёҳӣ».

Диссертатсия дар кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва андозбандии Донишгоҳи давлатии Данғара иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**- Давлатзода Дилмурод Ашурбек** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисоди молиявӣ ва фаъолияти биржавии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**- Қодирова Гулмо Толибовна -** доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи менеҷменти Академияи идоракунии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**- Мирзоалиев Абдумалик Абдунабиевич** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Ба автореферати диссертатсия 3 тақриз ворид гардидааст, ки ҳамааш мусбат аст.

Ба довталаб 8 савол дода шуд. Саволҳо аз ҷониби аъзоёни зерини шуро: д.и.и., профессор Хоҷаев П.Д., д.и.и., дотсент Кошонова М.Р., д.и.и., профессор Обидзода Ф.С., д.и.и., профессор Умаров Х. пешниҳод гардид.

Дар муҳокима д.и.и., проф. Дадоматов Д., д.и.и., проф. Кошонова М.Р., д.и.и., дотсент Раҳимов С.Х., д.и.и., дотсент Маҳмадалӣ Б.Н. иштирок намуданд.

Ба ҳайати комиссияи ҳисоб инҳо интихоб шуданд: д.и.и., профессор Кошонова М.Р. (раис), д.и.и., дотсент Сафозода А.К., д.и.и., профессор Хоҷаев П.Д. (аъзо).

Дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ ва хулосаи аз тарафи аъзои шурои диссертатсионӣ қабулгардида оид ба саҳеҳият, навгонии илмӣ, аҳаммият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин натиҷаи корҳои нашршуда доир ба мавзуи диссертатсияи Юсупов Умедҷон Сангиҳмадович шурои диссертатсионии 6D.KOA-100,

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:**

1. Диссертатсияи Юсупов Умедҷон Сангиҳмадович дар мавзуи «Рушди таъминоти ташкилӣ-методии аудити дохилӣ дар ширкатҳои сайёҳӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 5.2.18 – Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит тибқи «Низомномаи шурои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.
2. Автореферати диссертатсия ва интишороти муаллиф мазмуну мундариҷаи таҳқиқотро пурра инъикос менамоянд.
3. Ба Юсупов Умедҷон Сангиҳмадович дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.18 – Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит дода шавад.
4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад, ки қарори маҷлиси шурои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Юсупов Умедҷон Сангиҳмадовичро бо дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.18 – Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит сарфароз гардонад.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 12 нафар, зид-нест, бетараф-нест.
Қарор якдилона қабул гардид (12 нафар).

**Муовини раиси шурои диссертатсионӣ**
**д.и.и., дотсент** **Раҳимов С.Х.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**Доктори фалсафа (PhD)** **Сайфиддинзода С.С.**